# ХУЛОСАИ

## комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих С.Ғ. Бобомуллоев, доктори илмҳои таърих Л.Н. Додхудоева ва доктори илмҳои таърих Раҳимов Н.Т. бо таҳқиқоти диссертатсионии Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Абдулзода Зиёдулло Назар «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили инъикоси масъалаҳои сиёсӣ ва хориҷии аморати Бухоро дар "Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ дар ҳамбастагӣ бо шарҳи ҳол ва осори илмию адабии муаллиф дар илми ховаршиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулзода Зиёдулло Назар воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки асари "Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстони манобеи арзишманди даврони ҳукумати хонадони манғит дар аморати Бухоро

маҳсуб мешавад. Аз он ҷо, ки муаллифи ин рисола худ муддати тӯлонӣ дар хидмати амир Музаффар (1860-1885) буд ва вазифаи воқеанигори расмии сипоҳи Бухороро ба зимма дошт, шоҳиди бевоситаи бисёре аз вақоеи даврони ҳукумати ин амир, амсоли ҷангҳои ӯ бо ҳокимони Шаҳрисабз ва Россия, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ин асар доир ба даврони хукмронии амир Музаффар иттилооти муҳим ва пурарзишеро ба муҳаққиқон дода, аз манобеи хаттии дасти аввали ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XIX ба шумор меравад.

Маълумоти асари "Тухфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомии Бустонӣ доир ба аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Марказӣ, истило шудани онҳо аз тарафи Россияи подшоҳӣ ба бисёр саҳифаҳои норавшани таърихи ин давра равшанӣ меандозад ва ба доираи илмӣ кашидани ин манбаи хаттӣ ба далоили зерин мубрам будани мавзӯи интихобшударо ифода мекунад:

- муаллиф бинобар мавқеи баланди иҷтимоии худ ба ҳама гуна маводи расмӣ дастрасӣ дошта, онҳоро дар рисолаи худ истифода кардааст;

- ба бисёре аз ҳодисаҳое, ки дар замони амир Музаффар рух додаанд, Сомӣ шоҳиди бевосита буд;

- дар асар аснод, арқом, сановот ва номҳои ашхос фаровон дарҷ ёфтаанд, ки аксаран дар зоти худ нодиранд;

- муқобилаи ахбори "Тухфаи шоҳӣ" бо осори ҳамзамононаш заминаи муҳимме барои инъикоси воқеъбинонаи таърихи нимаи дуюми асри XIX фароҳам меоварад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустакилона тахия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии инъикоси масъалаҳои сиёсӣ ва хориҷии аморати Бухоро дар "Тухфаи шоҳи"-и Мирзо Абдулазими Сомӣ дар ҳамбастагӣ бо шарҳи ҳол ва осори илмию адабии муаллиф маҳсуб меёбад.

Дар пайравӣ ба ин нукта, ҳадафи мушаххаси пажуҳиш барасии **вазифаҳои зеринро** тақозо дорад:

- таҳлили комили рӯзгор ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ дар заминаи сарчашмаҳои мавҷуда;

- баррасии илмӣ-интиқодии муҳтаво ва мазмуни “Туҳфаи шоҳӣ”;

- бо такя бар маълумоти Сомӣ баррасии дараҷаи инъикоси вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XYIII;

- таҳқиқи таърихи лашкаркашии амирони манғит ба хориҷи аморати Бухорои охири асри XYIII - нимаи аввали асри XIX;

- таҳлили вазъи аморати Бухоро дар замони ҳукумати амир Музаффар бо такя ба маълумоти Сомӣ;

- инъикоси таърихи истилои ҳукумати подшоҳии рус ва воруди қувваҳои ҳарбии он ба Осиёи Миёна дар пояи маълумоти Сомӣ ва дигар сарчашмаҳои хаттӣ;

- муқаррар намудани арзиши илмии "Туҳфаи шоҳӣ”-и Сомӣ ҳамчун сарчашмаи дасти аввали таърихӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин инъикос мегардад:

- бори аввал рӯзгор ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ ба шакли комил, дар заминаи таълифоти муаллиф ва қиёси он бо дигар сарчашмаву таҳқиқот мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

- матн ва мазмуну мундариҷаи “Туҳфаи шоҳӣ” мавриди таҳлили илмӣ-интиқодӣ қарор ёфтааст;

- нусхаҳои дастхати “Туҳфаи шоҳӣ”, макони нигаҳдошт ва замони китобати онҳо, нашри дастхат ва муқобалаи он бо нусхаҳои мавҷуда мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор гирифтааст;

- бори нахуст маълумоти дар “Туҳфаи шоҳӣ” овардаи Сомӣ доир ба авзои сиёсӣ ва низоми идории Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XYIII - нимаи аввали асри XIX ба таҳлили илмӣ кашида шуда, дараҷаи арзишмандии он ҳамчун сарчашмаи таърихӣ муайян карда шудааст;

- “Туҳфаи шоҳӣ”-и Сомӣ ҳамчун манбаъ дар инъикоси сиёсати минтақавӣ ва лашкаркашиҳои хонадони манғития ба дигар мулкҳои Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XYIII - нимаи аввали асри XIX мавриди таҳлил қарор дода шуда, дараҷаи эътимоднокии он муқарар гардидааст;

- арзиши илмии “Туҳфаи шоҳӣ”-и Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар инъикоси раванди истилои Осиёи Миёна аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва муносибати аморати Бухоро бо Россия бо усули татбиқӣ муайян шудааст;

- маълумоти Сомӣ доир ба рафти истилои навоҳии шимоли Тоҷикистон ва муҳорибаҳои ҷангӣ байни аморати Бухоро ва Россияи подшоҳӣ бо назари интиқодӣ ва воқеияти онҳо дар қиёс бо дигар сарчашмаҳои таърихӣ муайян шудааст;

- дар муқоиса бо сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти илмии марбут ба ин давраи таърихӣ камбудиҳо, иштиҳобот ва ихтилофоти маълумоти дар "Тухфаи шоҳӣ” овардашуда ба шакли комил ошкор карда шуданд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст асари "Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ мавриди таҳқиқи сарчашмашиносӣ ва муқаррар намудани он ҳамчун манбаи дасти аввал қарор мегирад. Натиҷаи таҳқикро метавон ҳангоми омӯзиши таърихи асри XYIII - нимаи аввали асри XIX, таҳқиқи минбаъдаи таърихи Хуросон, Мовароуннахр ва аморати Бухорои давраи мазкур, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳамчунин барои навиштани энсклопедияҳо ва китобҳое, ки дар он чеҳраҳои мондагори илми таърихнигорӣ муаррифӣ мешаванд, истифода кард. Тавсия ва пешниҳоди муаллифро метавон ҷиҳати рушди илми таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии миллӣ васеъ истифода намуд.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯ Абдулзода Зиёдулло Назар «Тухфаи шоҳӣ»- и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) ба ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

**А) Ҳотамов Намоз Басарович -** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Б) Пирумшоев Мунир Ҳайдаршоевич** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. **МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** — **Иброхимов М.Ф.**
**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** — **Додхудоева Л.Н.**
**доктори илмҳои таърих** — **Рахимов Н.Т.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** — **Файзуллоева Г.**

ШУЪБАИ КАДРҲО